# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

1. Аҳамияти таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он дар назария ва методологияи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ саҳми муайян мегузоранд. Таҳқиқот ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгирандаро ошкор менамояд; хусусиятҳои муҳим ва пурмазмуни мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити таълим»-ро ошкор мекунад; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои асоснокшуда, сатҳи фарҳанги ташаккулёфтаи интернетии ҷавонони таълимгирандаро, ки хусусиятҳои асосии фарҳанги Интернетро муайян мекунанд; маҷмуи шароити педагогӣ зикр карда шудааст, ки таваҷҷуҳро ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги интернетӣ дар байни хонандагон ва донишҷӯён муайян менамояд.

Таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавононро зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ тарҳрезӣ намудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогиро дар рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон пурра мегардонад. Онҳо тасаввуротро дар бораи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон, хусусиятҳои махсуси он бой гардонида, донишҳоро оид ба талаботи педагогӣ, ки бевосита ба ҷараёни иҷтимоишавии ҷавонон таъсиррасонанд, васеъ мегардонад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 27.09.2024, №2).

Дар хулосаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методология ва ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ

аст: *банди 1* – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ. - фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; *банди 2* - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва *банди 4* — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот талаботи илмӣ, хулосаву тавсияҳо бо омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи гузошташуда; амалисозии пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, ҷанбаҳои ибтидоии он, истифодаи методҳои ба ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот мувофиқ; бо санҷидани натиҷаҳо, ҷорӣ намудани онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ; тасдиқи таҷрибавӣ-озмоишии дурустии хулосаҳои бароварда; пойгоҳи кофии сарчашмаҳо таъмин мегардад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр шудаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбаровичро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Назарзода Рустам Саидмурод** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тавсия дода шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳимро дар мавзуи "Шароитҳои ичтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

**- Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Назарзода Рустам Саидмурод –** номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Махкамов Д.
номзади илмҳои педагогӣ Ҳакимова Ҷ.С.

16.06.2025

Имзои Каримзода М.Б., Махкамов Д., Ҳакимова Ҷ.С.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО